**ПРОТОКОЛИ №7**
**Маҷлиси шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «30» сентябри соли 2023 ш. Бохтар

Шунида ва муҳокима намудани кори диссертатсионии Фурқати Сикандари Қаландар

дар мавзӯи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахассисони босалоҳият" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика).

**Роҳбари илмӣ-** Файзализода Баҳрулло Файзалӣ доктори илмҳои педагогӣ профессорӣ кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда:** Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ба диссертатсияи Фурқати Сикандари Қаландар бо имзои раисӣ семинар,муовини ректор оид ба илм ва иноватси,номзади илмҳои сиёсӣ,дотсент Саидзода Диловар Абдулаҳад ва мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иноватсионӣ,номзади илмҳои педагогӣ ,дотсент Раҷабова Саодат Джамоловна экспертони муқаддамоти муассиса доктори илмҳои педагогӣ,профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович,номзади илмҳои педагогӣ,и.в.,дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ Абдулҳакимова Ҷанатой Абдурауфовна,номзади илмҳои педагогӣ муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ Мирзоходжаев Музаффарджон Дадоевич дар семинари васеъи кафедра аз 7-умисентябри соли 2023 суратҷаласаи №2 ва бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода Аюб Исломаз таърихи 7-уми сентябри соли 2023,тасдиқ шудааст.. Мазмуни тақриз мусбат мебошад, дар он мубрамияти мавзӯъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** -доктори илмҳои педагогӣ, профессор,мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
2. **Восидов Шамсиддин Юсупович- номзади** илмҳои педагогӣ, муаллими. калони кафедраи "Мошинҳои ҳисобарор,системаҳо ва шабакаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
3. **Баромад ва тақриз ба автореферат:**

1. **Раҷабов Тағаймурод Бобоқулович-** доктори илмҳои педагогӣ,, профессори кафедраи методикаи таълими ибтидоии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

2. **Назарзода Рустам Саймурод**-номзади илмҳои педагогӣ, и.в, дотсенти барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон..
3. **Қурбонова Умеда Талабовна** –номзади илмҳои педагогӣ,муаллими калони кафедраи илмҳоии компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баноми Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ.
4. **Назаров Аҳтам Пулотович**-номзади илмҳои педагогӣ,и.в,дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.
5. **Азимова Назира Самадовна**-номзади илмҳои педагогӣ,и.в,дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон..

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Фурқати Сикандари Қаландар пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амали мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Фурқати Сикандари Қаландар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика) сазовор мебошад.

Дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаҳое, ки шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Фурқати Сикандари Қаландар бо дарназардошти актуалӣ будани мавзӯъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048.

**Қарор мекунад:**

1. Кори диссертатсионии Фурқати Сикандари Қаландар дар мавзӯи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифодаи аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахассисони босалоҳият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика), ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-юми июни соли 2023 таҳти рақами №295 Низомнома оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои чопшуда ҳаматарафа мундариҷаи асосии кори диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ба Фурқати Сикандари Қаландар дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Фуқати Сикандари Қаландар аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01—Назария ва таълими фанҳои дақиқ (информатика)-ро дастгири намоянд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Ойматова Х.Х.**

Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ҶМ